## 103437 - «Дин муомила аст». Ҳадис намебошад.

**савол**

**«Дин муомила аст».** Ин ҳадис то чӣ андоза дуруст аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин сухан ҳадиси паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нест ва дар китобҳои ҳадис ҳеҷ асосе надорад.

Шайх Албонӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) онро дар муқаддимаи ҷилди панҷуми "Силсилату-л-аҳодиси-з-заифа" саҳифаи 11 зикр карда, оиди он ҳадис гуфтааст: "Ин сухан ҳеҷ асосе надорад ва ҳатто дар миёни ҳадисҳои мавзуъ (бофта) вуҷуд надорад". Поёни сухан.

Аз Шайх ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) оиди ин сухан пурсиданд. Дар ҷавоб гуфт:

"Ин ҳадис нест, балки сухани мардум аст". Поёни сухан.

Аллоҳ донотар аст.